*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳоти, 12, www/ddtt.tj)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат, пешниҳод шудааст**

Мавзуи интихобгардида дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат - рушди захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи самараноки иқтидори инсонӣ мувофиқ мебошад. Дар шароити маҳдуд будани имкониятҳои бозори меҳнати дохилӣ ва вусъат гирифтани равандҳои муҳоҷирати меҳнатии аҳолӣ, масъалаи нигоҳдорӣ ва такрористеҳсоли сармояи инсонӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти стратегӣ касб мекунад. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ, дар баробари нақши мусбати худ дар таъмини даромадҳои аҳолӣ, метавонад боиси заиф гардидани пойгоҳи кадрии иқтисоди миллӣ, коҳиши иқтидори инноватсионӣ ва афзоиши равандҳои «фирори мағзҳо» гардад. Дар ин замина, таҳлили омилҳои институтсионалии танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва истифодаи имкониятҳои «гардиши мағзҳо» ҳамчун манбаи рушди иқтисодиёт аҳамияти хос дорад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар автореферат ба таври мантиқӣ муайян гардида, бо объекти ва предмети таҳқиқот мутобиқ мебошанд. Асоси методологии таҳқиқот ба истифодаи маҷмӯи усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, равиши системавӣ, муқоисавӣ ва иқтисодӣ-оморӣ такя намуда, имкон медиҳад натиҷаҳои бадастомада бо дараҷаи зарурии эътимоднокӣ асоснок карда шаванд.

Ба андешаи мо, навгонии муҳимтарини таҳқиқоти Одиназода Аслам Мадгиё дар он ифода меёбад, ки муаллиф рушди сармояи инсониро на танҳо



Сканировано с CamScanner

ҳамчун раванди афзоиши сатҳи маълумот ва тахассус, балки ҳамчун натиҷаи ташаккули тавонмандиҳои инноватсионӣ дар муҳити муайяни институтсионалӣ баррасӣ менамояд. Маҳз чунин равиши комплексӣ имкон медиҳад таъсири ҳамзамони бозори меҳнат, сиёсати давлатӣ ва равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, аз ҷумла падидаи «фирори мағзҳо»-ро ба сифати сармояи инсонии миллӣ ошкор ва илмӣ асоснок намояд. Муаллиф ба таври боварибахш нишон медиҳад, ки бе такмили муҳити институтсионалӣ ва бе ҳамоҳангсозии сиёсати маориф, бозори меҳнат ва танзими муҳоҷирати меҳнатӣ, гузариш ба модели рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ғайриимкон мебошад, ки ин хулоса дорои аҳамияти ҷиддии назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар саҳифаи 30-и автореферат Ҷадвали 6 – «Ҷузъҳои сохтории инфрасохтори рақамӣ дар раванди инкишофи сармояи инсонӣ» оварда шудааст, ки дар он муаллиф унсурҳои калидии инфрасохтори рақамиро ҳамчун омили муҳими ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ ба таври системавӣ гурӯҳбандӣ ва тавсиф менамояд. Дар ҷадвали мазкур инфрасохтори рақамӣ на танҳо ҳамчун маҷмӯи воситаҳои техникӣ, балки ҳамчун муҳити институтсионалӣ ва иттилоотӣ баррасӣ мегардад, ки ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ, рушди малакаҳои рақамӣ, густариши тавонмандиҳои инноватсионӣ ва мутобиқшавии сармояи инсонӣ ба талаботи иқтисодиёти муосир мусоидат мекунад. Ин равиш имконият медиҳад, ки нақши рақамисозӣ дар коҳиши маҳдудиятҳои бозори меҳнат, баланд бардоштани ҳаракатпазирии меҳнатӣ ва пешгирии падидаи «фирори мағзҳо» аз мавқеи илмӣ асоснок карда шавад.

Дар баробари ин, барои тадқиқотҳои минбаъда мувофиқ мешуд, ки масъалаҳои баҳогузории иқтисодии талафоти вобаста ба «фирори мағзҳо», инчунин имкониятҳои ҷалби бозгашти кадрҳои соҳибтахассус ва таъсири онҳо ба рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ба таври муфассалтар таҳлил карда шаванд. Эроди зикршуда аҳамияти илмии кори диссертатсионии муаллифро коҳиш намедиҳад ва дорои хусусияти тавсиявӣ буда, метавонад



Сканировано с CamScanner

дар таҳқиқотҳои минбаъда ва такмили минбаъдаи мавзӯъ ба назар гирифта шавад.

Хулоса, бо таваҷҷуҳ ба мазмун ва муҳтавои авторефрат, диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, он кори илмии анҷомёфта маҳсуб меёбад. Ба андешаи мо, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд ,17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тӯра Раббимро тасдиқ мекунам,

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Бобоев А. Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС



Сканировано с CamScanner